«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода М.Р. ____________________
«______» ________________ 2026 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3 — Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» ба яке аз самтҳои муҳимми илми педагогика ва методикаи таълими забони тоҷикӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати мақсад, вазифа, объект, предмет, муҳтаво, навгонӣ ва натиҷаҳои илмӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.3. – Педагогика (5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мутобиқ мебошад.

Дар диссертатсия масъалаҳои бунёдии методикаи таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ташаккули салоҳияти забонӣ ва коммуникативии хонандагон, рушди нутқи мураттаби шифоҳиву хаттӣ, истифодаи матни бадеӣ дар раванди таълим, ҳамгироии забон ва адабиёти тоҷик ва роҳҳои такмили фаъолияти амалии хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз ин лиҳоз, мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо самти илмии интихобшуда робитаи мустақим дошта, ба доираи масъалаҳои назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пурра ворид мегардад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва тағйир ёфтани муҳити муошират масъалаи ҳифзи забони адабӣ, баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи насли наврас аҳаммияти махсус касб менамояд. Муассисаи таълимӣ бояд хонандаеро тарбия намояд, ки на танҳо қоидаҳои забонро медонад, балки фикри худро мантиқан дуруст, равон, мураттаб, фасеҳ ва мутобиқи меъёрҳои забони адабӣ баён карда метавонад.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар масъалаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон яке аз вазифаҳои меҳварии таълими забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Донистани қоидаҳои грамматикӣ худ ба худ наметавонад фарҳанги баланди нутқро таъмин намояд. Хонанда бояд донишҳои назариявиро дар вазъияти воқеии нутқ истифода кунад, ҷумлаҳои дуруст созад, робитаи мантиқии андешаҳоро нигоҳ дорад, матни мустақил эҷод намояд ва аз имкониятҳои густурдаи забони модарӣ бошуурона истифода барад.

Дар ин замина, интихоби мавзуи диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна саривақтӣ ва асоснок мебошад. Муаллиф ба масъалаи инкишофи нутқи мураттаб аз мавқеи ҷолиб ва дар айни замон муҳим – истифодаи осори пандомези классикони форсу тоҷик дар таълими синтаксиси забони тоҷикӣ рӯй овардааст.

Осори классикони форсу тоҷик ганҷинаи бузурги забонӣ, маънавӣ ва тарбиявӣ мебошад. Дар осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигар суханварони тавоно намунаҳои олии забони фасеҳ, ҷумлаҳои гуногунсохт, ибораҳои нозук, таъбирҳои пурмаъно ва афкори ахлоқиву инсонпарварона фаровон ба назар мерасанд.

Бинобар ин, истифодаи бомавқеъ ва мақсадноки чунин мавод дар дарсҳои забони тоҷикӣ метавонад ду вазифаи муҳимро ҳамзамон таъмин созад: аз як тараф, қоидаҳои грамматикӣ ва синтаксисиро дар заминаи

матни бадеъ омӯзонад, аз тарафи дигар, захираи луғавӣ, фарҳанги сухан, худшиносии миллӣ ва завқи маънавии хонандагонро ташаккул диҳад.

Мубрамияти масъала аз он ҷиҳат боз ҳам бештар мегардад, ки дар таҷрибаи мактаб дар таълими мавзуъҳои синтаксис назарияпардозӣ ба мушоҳида мерасад. Хонандагон таъриф, қоида ва навъҳои ҷумлаҳоро меомӯзанд, аммо барои фаъолияти матнофарӣ, тафсир, муқоиса, далеловарӣ ва истифодаи амалии сохтори синтаксисӣ имкони кофӣ пайдо намекунанд.

**Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ ва хулосаҳои муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши осори илмӣ-методӣ, лингвистӣ, педагогӣ, дидактикӣ ва равоншиносӣ асоснок шудаанд. Муаллиф барои муайян кардани заминаҳои назариявии таҳқиқот аз осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намуда, масъалаҳои таълими синтаксис, рушди нутқ, матн ҳамчун воҳиди таълимӣ, муносибати босалоҳият ва аҳаммияти осори классикиро аз нуқтаи назари илмӣ ва методӣ баррасӣ кардааст.

Дар диссертатсия бо истифода аз методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ вазъи омӯзиши масъала муайян гардида, баъдан модели методии пешниҳодшуда дар амал санҷида шудааст. Махсусан, истифодаи методҳои мушоҳида, суҳбат, пурсиш, анкета, таҳлили корҳои хаттӣ, озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, инчунин таҳлили миқдорӣ ва муқоисавии натиҷаҳо ба хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудааст.

Хулосаҳои илмии диссертатсия аз натиҷаи таҳлили бобҳо ва корҳои озмоишию таҷрибавӣ бармеоянд ва бо вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштташуда робитаи мантиқӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада.** Навгонии илмии таҳқиқоти Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи истифодаи осори классикони форсу тоҷик дар раванди таълими системаноки синтаксиси ҷумлаҳои сода

ва мураккаб дар синфҳои 8-9 дар робита бо инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ба таври махсус ва муназзам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Унвонҷӯ тавонистааст, ки таълими грамматика, фаъолияти нутқ ва ҷанбаи маънавию тарбиявии матнро бо чунин низоми методӣ ба ҳам пайвандад:

- асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар таълими синтаксис мушаххас карда шудаанд;
- муносибати босалоҳият ҳамчун яке аз заминаҳои асосии таълим ба назар гирифта шудааст;
- принсипҳои интихоб ва истифодаи матнҳои классикӣ муайян гардидаанд;
- маҷмуи машқу супоришҳо барои ташаккули салоҳияти забонӣ ва коммуникативии хонандагон пешниҳод шудааст;
- робитаи таҳлили синтаксисӣ бо луғатомӯзӣ, тафсири матн, аз назм ба наср баргардонидан ва таҳияи матн асоснок шудааст;
- самаранокии модели пешниҳодшуда тавассути озмоиши педагогӣ санҷида шудааст.

Ҷиҳати дигари навгонии таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф таълими синтаксисро на танҳо бо нишондиҳандаҳои дониши грамматикӣ, балки бо сатҳи рушди нутқи мураттаб, захираи луғавӣ, қобилияти тафсири матн, навиштани эссе ва истифодаи бошууронаи сохторҳои синтаксисӣ пайваст менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки масъалаи робитаи синтаксис ва рушди нутқи мураттаб дар заминаи истифодаи матнҳои адабии классикӣ аз нуқтаи назари методикаи таълими забони тоҷикӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи таълими синтаксис, методикаи кор бо матн, таълими ҳамгирои забону

адабиёт, ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва фарҳанги нутқи хонандагон истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳо низ назаррас мебошад. Маводи пешниҳодшуда барои омӯзгорони забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми таълими синтаксис аз осори классикон на танҳо ҳамчун мисол, балки ҳамчун воситаи мукаммали таълимӣ истифода баранд. Машқу супоришҳои пешниҳодшуда метавонанд дар мавридҳои зерин корбаст шаванд:

- дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9;
- таҳияи китоб ва дастурҳои методӣ;
- маводи иловагӣ барои омӯзгорон;
- курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;
- машғулиятҳои методикаи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои филологӣ.

Аҳаммияти иҷтимоӣ ва тарбиявии таҳқиқот низ қобили қайд аст. Матнҳои классикӣ хонандагонро бо арзишҳои ахлоқӣ, инсонпарварӣ, донишдӯстӣ, меҳнат, ватандӯстӣ, ростқавлӣ ва одоби сухан ошно менамоянд. Аз ин рӯ, модели пешниҳодшуда ба ҳамгироии таълим ва тарбия мусоидат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути интихоби дурусти методҳои илмӣ, мувофиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ҳаҷми кофии маводи таҷрибавӣ, иштироки гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ва таҳлили муқоисавии натиҷаҳо таъмин гардидааст. Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар чаҳор муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ баргузор гардидаанд. Дар онҳо хонандагони синфҳои 8 ва 9-ум иштирок намуда, фаъолияти гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳои муҳим санҷида шудааст. Ба сифати нишондиҳандаҳои ташхисӣ чунин навъи фаъолият интихоб шудаанд:

- шарҳи луғат;
- аз назм ба наср баргардонидани байтҳо;
- тафсири мазмуни байт;
- муайян намудани сохтори ҷумла;
- муайян кардани аъзои ҷумла ва тарзи ифодаи онҳо;
- сохтани ҷумла аз рӯйи қолаби наҳвӣ;
- таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои сода ва мураккаб;
- таълифи эссе.

Чунин интихоби супоришҳо имкон медиҳад, ки ҳам донишҳои грамматикӣ ва ҳам қобилияти амалии хонандагон арзёбӣ карда шавад. Натиҷаҳои муқоисавӣ бартарии назарраси гурӯҳҳои озмоиширо нишон дода, самаранокии модели пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ.** Саҳми шахсии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар таҳқиқот назаррас мебошад. Диссертант мустақилона масъалаи илмиро интихоб ва мубрамияти онро асоснок карда, адабиёти илмӣ-методиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян карда, модели истифодаи осори классиконро дар таълими синтаксис пешниҳод намудааст. Меъёрҳои интихоби матн ва машқу супоришҳои дахлдорро коркард карда, озмоишҳои педагогии муқарраркунанда ва таълимиро ташкил намудааст. Натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратиро муқоиса ва таҳлил намуда, хулоса ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст. Махсусан, коркарди модели консептуалии таълим дар асоси муносибати босалоҳият ва пайваст намудани таҳлили грамматикӣ бо фаъолияти коммуникативию эҷодии хонандагон нишондиҳандаи саҳми шахсии муҳаққиқ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои илмии диссертатсия дар 24 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Мавзуи мақолаҳо масъалаҳои меҳварии диссертатсия, аз ҷумла мавқеи панду андарзи классикон дар таълими синтаксис, истифодаи осори Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ, инкишофи нутқи мураттаб, ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва аҳаммияти машқҳоро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, интишороти муаллиф муҳтавои асосӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро ба таври кофӣ инъикос менамоянд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се бобу ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти муаллиф иборат мебошад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, бобҳо аз ҷиҳати мазмун бо ҳам робитаи мантиқӣ доранд.

**Муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот.** Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши масъала таҳлил шудааст. Мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи эмпирикӣ, навгонӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидаанд.

Мундариҷаи қисми мазкур ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, дастгоҳи илмии таҳқиқ бо бобҳои минбаъда робитаи мантиқӣ дорад.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ синфҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон»** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ масъалаи инкишофи нутқи мураттабро дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб таҳлил мекунад.

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки синтаксис дар низоми таълими забони тоҷикӣ яке аз бахшҳои меҳвариест, ки ба ташаккули нутқи мураттаб имкони зиёд дорад. Маҳз тавассути ҷумла инсон фикри худро ташаккул ва баён мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши сохтор, маъно ва имкониятҳои нутқии ҷумлаҳо бояд ба фаъолияти амалии хонандагон пайваст карда шавад.

Диссертант масъалаи таълими синтаксисро бо рушди мустақилияти фикр, тафаккури абстрактӣ, ҷумласозӣ, матнофарӣ ва қобилияти истифодаи меъёрҳои забони адабӣ алоқаманд менамояд. Ҷиҳати дигари муҳим таҳлили мавқеи матни адабӣ ҳамчун воситаи таълими забон аст. Муаллиф бар он назар аст, ки намунаҳои интихобшуда аз осори классикон бояд ҳам дорои арзиши забонӣ ва ҳам мазмуни тарбиявӣ бошанд.

Дар боби мазкур манбаъҳои назариявии соҳаи методикаи таълими забон, педагогика, забоншиносӣ ва матншиносӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, заминаи илмии таҳқиқот фароҳам оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб»** ба роҳу усули методии истифодаи осори классикон дар таълими синтаксиси забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Аҳаммияти асосии ин боб дар хусусияти амалӣ доштани он аст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки андешаҳои назариявии боби аввалро ба модели фаъолияти омӯзгор ва хонанда табдил диҳад. Кор бо матнҳои классикӣ аз чанд марҳилаи ба ҳам алоқаманд ташкил мегардад: а) интихоби матни мувофиқ; б) хондан ва дарки мазмун; в) шарҳи вожаҳои душвор; г) тафсири байт ё порчаҳои адабӣ; ғ) муайян намудани сохтори синтаксисӣ; д) иҷрои таҳлили грамматикӣ; е) тағйир ё бозсозии сохтори ҷумла; ё) аз назм ба наср баргардонидани матн; ж) сохтани ҷумлаҳои мустақил; з) иҷрои супоришҳои эҷодӣ ва матнофарӣ.

Ин тарзи кор аз он ҷиҳат қобили дастгирист, ки таҳлили грамматикӣ аз мазмун ҷудо сурат намегирад. Хонанда аввал матнро мефаҳмад, баъдан шакли забонии онро таҳлил мекунад ва дар ниҳоят донишҳои гирифтаашро дар фаъолияти мустақил истифода менамояд. Махсусан, аз назм ба наср баргардонидани адабиёти классикӣ ҳамчун машқи методӣ ҷолиби диққат аст. Барои иҷрои чунин кор хонанда бояд маънои байтро дарк кунад, тартиби табиии калимаҳоро барқарор созад, муносибати байни аъзоҳои ҷумларо дуруст муайян кунад ва фикрро бо насри равону мантиқӣ баён намояд. Як машқ ҳамзамон чанд малака – луғавӣ, синтаксисӣ, мантиқӣ ва нутқиро рушд медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия ба корҳои озмоишию таҷрибавӣ - **«Оид ба истифодаи осори адибони классикӣ ҳамчун воситаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон»** бахшида шудааст. Ин қисмати диссертатсия барои муайян намудани арзиши воқеии методикаи пешниҳодшуда аҳаммияти махсус дорад. Дар раванди озмоиш, дар маҷмуъ, 398 нафар хонанда иштирок кардаанд. Аз онҳо 205 нафар хонандагони синфҳои 8 ва 193 нафар хонандагони синфҳои 9 мебошанд.

Озмоиш дар чаҳор муассисаи таълимӣ ташкил шудааст. Дар татбиқи корҳои таҷрибавӣ 16 нафар омӯзгор иштирок намуда, андешаи 42 нафар омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик тавассути пурсишномаҳо омӯхта шудааст. Дар синфҳои 8 таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷумлаҳои сода ва дар синфҳои 9 ба ҷумлаҳои мураккаб равона гардидааст. Натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар доираи шарҳи луғат, аз назм ба наср баргардонидани шеър, тафсири байт, таҳлили синтаксисӣ, сохтани ҷумла аз рӯйи қолаб ва фаъолияти эҷодӣ муқоиса гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар бисёр самтҳо гурӯҳҳои озмоишӣ бартарии назаррас доранд. Масалан, рушди захираи луғавӣ, қобилияти шарҳи маъно, таҳлили сохтори ҷумла ва сохтани ҷумлаҳои мустақил дар гурӯҳҳое, ки таълим тибқи модели пешниҳодшуда ба роҳ монда шудааст, баландтар мебошад. Дар баъзе намудҳои супоришҳо

фарқи натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ чанд маротиба баланд гаштааст.

Диссертант дар баробари натиҷаҳои мусбат баъзе маҳдудиятҳоро низ дуруст қайд мекунад. Масалан, забони баъзе матнҳои классикӣ барои хонандагон душвор ва бидуни шарҳи луғат, тавзеҳи мазмун ва интихоби оқилонаи матн натиҷаи дилхоҳ таъмин намегардад.

**Хулоса ва тавсияҳо.** Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ бармеоянд. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи пайваста ва мақсадноки осори классикон дар таълими синтаксис фарҳанги нутқи хонандагонро баланд мебардорад, захираи луғавии онҳоро ғанӣ мегардонад, маҳорати таҳлили ҷумлаҳоро ташаккул медиҳад, нутқи шифоҳиву хаттиро инкишоф медиҳад, фаъолияти эҷодиро тақвият мебахшад, робитаи забон ва адабиётро амалӣ мегардонад, ба тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда низ ба натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, барои фаъолияти омӯзгорони забони тоҷикӣ аҳаммияти воқеӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна аз ҷиҳати сохтор, тарзи пешниҳоди натиҷаҳои илмӣ, мавҷудияти дастгоҳи илмии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда ва интишороти илмии муаллиф, дар маҷмуъ, ба талаботи муқарраргардидаи корҳои диссертатсионӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия ҳамчун кори мустақили илмӣ таҳия шуда, масъалаи мушаххаси илмӣ-методиро ҳал менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Муҳтавои корҳои илмии довталаб, самти таҳқиқоти диссертатсионӣ, интишорот ва масъалаҳои таҳқиқнамуда ба ихтисоси 5.3. – Педагогика. (5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошанд.

**Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки** диссертатсия дорои сохтори ягона ва низоми мантиқии таҳқиқ буда, масъалаҳои таҳлилшуда аз назария ба амалия ва аз амалия ба санҷиши таҷрибавӣ пайдарпай инкишоф дода шудаанд. Муаллиф на танҳо аҳаммияти осори классиконро таъкид мекунад, балки равиши методии истифодаи онҳоро дар таълими синтаксис пешниҳод менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастовардҳои зикршуда, диссератсияи мазкур аз баъзе норасоиҳо ва масъалаҳои баҳсталаб холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи он муфид хоҳад буд:

1. Дар қисми назариявии диссертатсия баъзе масъалаҳо, аз ҷумла аҳаммияти таълими забони тоҷикӣ, зарурати рушди нутқ ва нақши осори классикон дар чанд маврид бо мазмуни ба ҳам наздик баррасӣ мешаванд.

2. Дар диссертатсия мафҳуми «нутқи мураттаб» мавқеи меҳварӣ дорад. Бо вуҷуди шарҳу тавзеҳоти пешниҳодшуда, хуб мебуд, ки муаллиф дар оғози таҳқиқ меъёрҳои санҷиши нутқи мураттабро дар шакли ҷадвали алоҳида пешниҳод менамуд, ба монанди: пайдарпайии фикр, таносуби мантиқӣ, дурустии грамматикӣ, ғановати луғавӣ, робитаи байни ҷумлаҳо, услуб ва ғайра.

3. Озмоиши педагогӣ аз ҷиҳати миқдорӣ фарогир аст, вале дар баробари нишондиҳандаҳои фоиз овардани чанд намунаи пурраи кори хонанда пеш ва баъд аз озмоиш имконият медод, ки пешрафти сифатии нутқи онҳо боз ҳам аёнтар нишон дода шавад.

4. Дар матни диссертатсия баъзе нуқсонҳои ҷузъии имлоӣ, китобатӣ, техникию услубӣ ба назар мерасанд, ки онҳо ҳангоми таҳрири ниҳоӣ ислоҳшаванда мебошанд.

Эродҳои пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, ба назар гирифтани онҳо метавонад барои идомаи таҳқиқоти муаллиф ва такмили маводи методии минбаъда муфид бошад.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро фаро гирифта, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд. Мақолаҳои илмии интишорнамудаи довталаб низ мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» таҳқиқоти илмии анҷомёфта, мустақил ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Муаллиф яке аз масъалаҳои муҳимми методикаи таълими забони тоҷикӣ-робитаи таълими синтаксис бо инкишофи нутқи мураттаб ва истифодаи мероси адабии классиконро ба таври илмӣ таҳқиқ намуда, барои ҳалли он низоми мушаххаси методиро пешниҳод кардааст. Арзиши диссертатсия дар он аст, ки назария, методика ва озмоиши педагогӣ дар он бо ҳам пайванди мантиқӣ доранд. Натиҷаҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи ҳадафмандонаи матнҳои классикӣ дар раванди таълими синтаксис метавонад ба баланд гардидани сатҳи забондонӣ, ғанӣ шудани захираи луғавӣ, рушди тафаккур ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон мусоидат намояд.

Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида, бо тағйиру иловаҳои минбаъда амал мекунад, ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. –

Педагогика. (5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии муштараки кафедраи педагогика ва кафедраи методикаи таълими ибтидоии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 5 сентябри соли 2026, суратҷаласаи № 1-А муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 23 – нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педагогикаи
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Раҷабализода Ф.Р.

Мудири кафедраи методикаи таълими ибтидоии
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент: Шарифзода Ш.Х.

**Эксперт:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи кафедраи педагогикаи
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Бобоева Г.Ш.

**Котиби ҷаласа**, номзади илмҳои
педагогӣ, саромӯзгори кафедраи педагогикаи
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Каримова М.М.

Имзоҳои Ф.Р. Раҷабализода, Ш.Х. Шарифзода, Г.Ш. Бобоева ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва КМ-и МДТ-и
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735140, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
**Тел:** 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
**Почтаи электронӣ:** bgu-1978@mail.ru;
**Сомона:** www.btsu.tj.

«__7__» __09__ соли 2026